«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти зоология ва паразитологияи ба номи Е.Н. Павловскийи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон номзади илмҳои биологӣ
_____ Қадамзода Дилшод Саттор
«___30___» _____10_____соли 2026.

ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Давлатзода Одинашо Муҳаббат дар мавзуи «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.21. Зоология

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Рисолаи илмии аз ҷониби унвонҷӯ Давлатзода Одинашо Муҳаббат дар мавзӯи «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо» пешниҳодшуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисос ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 1.5.21.Зоология мутобиқат мекунад:

Мувофиқи банди 1. Таснифот (систематика). Тавсиф ва нишон додани организмҳо, таснифоти онҳо аз рӯйи воҳидҳои гуногуни таснифотӣ (таксонҳо), сохтори фенетикӣ, генетикӣ, морфометрии воҳидҳои таснифотӣ (таксонҳо);

Мувофиқи банди 2. Фауна (фаунистика). Таркиби намудӣ, сохтор ва динамикаи маҷмуи фаунавӣ (фаунистика) аз лиҳози назариявӣ - типологӣ, манзаравӣ - ҷуғрофӣ;

Мувофиқи банди 4. Морфология. Шакл ва сохти зоҳирии ҳайвонот дар инкишофи фардӣ (онтогенез) ва таърихӣ (филлогенез);

Мувофиқи банди 5. Экологияи фардҳо, популятсия ва ҷамоаҳо. Таъсири омилҳои гуногуни муҳит (табиӣ ва антропогенӣ), қонуниятҳои вокуниши ҳайвоноти гуногуни гурӯҳҳои систематикӣ ба ҷузъиёти биотикӣ ва абиотикӣ дар шароити биогеотсенозҳо, ҷанбаҳои амалии экологӣ (муҳофизат ва истифодаи оқилонаи ҳайвонот).

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Анор (*Punica granatum* L.) яке аз растаниҳои мевадиҳандаи субтропикӣ буда, меваи он аз унсурҳои гуногуни химиявӣ, витаминҳо ва моддаҳои фаъоли биологӣ бой мебошад. Бинобар ин, пӯст, равған, шарбат ва дигар қисмҳои онро дар саноати хӯрокворӣ, рангкунӣ, соҳаи тиб ва ғайра ба таври васеъ истифода

мебаранд. Бо дарназардошти чунин хусусиятҳо, дар шароити Тоҷикистон, бахусус, дар минтақаҳои ҷанубии кишвар, навъҳои гуногуни анор парвариш карда мешаванд. Доир ба хусусиятҳои физиологӣ, ботаникӣ, экологӣ ва дигар ҷанбаҳои омӯзиши анор корҳои гуногуни илмӣ анҷом дода шудаанд. Бо вуҷуди ин, то имрӯз таҳқиқоти мукаммали илмӣ оид ба «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо» анҷом дода нашудааст.

Бинобар ин, мавзуи таҳқиқоти илмии аз ҷониби унвонҷӯ Давлатзода Одинашо Муҳаббат анҷомдодашуда дорои аҳаммияти назариявӣ, илмӣ ва амалӣ мебошад, зеро зараррасонҳои анор дар баъзе аз минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол ба таври мукаммал омӯхта нашудаанд. Дар солҳои охир таъсири зараррасонҳо ба соҳаи анорпарварӣ бештар мушоҳида карда мешавад, ки аз он хоҷагидорону боғдорон зарари зиёд дида, ҳосили дилхоҳ ба даст намеоранд. Аз ин сабаб, омӯзиши зараррасонҳои анор саривақтӣ ва мубрам мебошад. Аз ҷониби унвонҷӯ Давлатзода О.М. таркиби намудӣ, хусусиятҳои биологию экологии зараррасонҳои асосӣ, ҳашарот ва канаҳо, энтомоакарифагҳои зараррасонҳо муайян карда шудааст. Ҳамчунин, самаранокии усулҳои мубориза бар зидди зараррасонҳо низ коркард, таҳия ва пешниҳод гардидаанд.

Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд. Гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳои дар рисолаи илмӣ овардашуда ба натиҷаи таҳқиқоти бисёрсолаи саҳроӣ ва таҳлили муаллиф асос ёфтаанд. Дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби муаллиф усулҳои умумиқабулгардидаи энтомологӣ истифода карда шудааст. Ҳамчунин, ҳангоми иҷрои кор: ҷамъоварии мавод, мушоҳида ва таҷрибаи саҳроию лабораторӣ таҳлил гардида, маълумоту натиҷаҳои бадастомада бо адабиёти илмии ватанию хориҷӣ мавриди муқоиса қарор дода шудаанд. Ҳамзамон, натиҷаҳои бадастомада дар гузоришҳои илмӣ ба монанди конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикос ёфтаанд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар рисолаи Давлатзода Одинашо Муҳаббат овардашуда аз мазмуну муҳтавои таҳқиқоти илмӣ ва натиҷаҳои бадастомада бармеоянд ва бо далелҳои илмӣ асоснок карда шудаанд. Тавсияҳои унвонҷӯ оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар диссертатсия пешниҳод гардидаанд, аз инҳо иборатанд:

1). Дар асоси мушоҳидаҳо ва таҳқиқоти гузаронидашуда дар боғҳои анори қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ (водии Вахш), унвонҷӯ оид ба

зарурати гузаронидани чораҳои мубориза бар зидди зараррасонҳои зерин: ширинчаи анор – *Aphis punicae* Pass.; сафедболаки тамоку (пахта) – *Bemisia tabaci* Genn.; тортанакканаи муқаррарӣ – *Tetranychus urticae* Koch.; кирмаки Комсток – *Pseudococcus comstocki* Kuw.; оташаки анор – *Euzophera punicaella* Morr. ва мевахӯраки себ – *Cydia pomonella* L. тавсияҳо пешниҳод намудааст.

2). Ширинчаи анор (*Aphis punicae* Pass.) яке аз ҳашароти асосии зараррасони макандаи анор ба ҳисоб рафта, барои коҳиш додани шумораи он истифодаи усули мубоизаи биологӣ, аз ҷумла ҷалб ва ҳифзи энтомофагҳо (оилаи коксинеллидҳо, нимсахтболҳои дарранда, тилочашмакҳо, дуболаҳо (серфидҳо) ва дигар организмҳои фоидаовар) тавсия дода мешавад.

3). Барои мубориза бар зидди ширинчаи анор (*Aphis punicae* Pass.) истифодаи инсектитсиди Талстар, 100 ЭК (0.6 л/га), бар зидди оташаки анор (*Euzophera punicaella* Morr.) - Сипар-Т, 250 ЭК (0.4 л/га) ва бар зидди тортанакканаи муқаррарӣ (*Tetranychus urticae* Koch.) - Омайт, 570 ЭК (2.0 л/га) тавсия шудааст. Ҳамзамон, барои коҳиш додани шумора ва маҳдуд намудани паҳншавии кирмаки Комсток (*Pseudococcus comstocki* Kuw.) истифодаи усулҳои механикии мубориза тавсия гардидааст.

4). Ҳамзамон, муаллиф истифодаи амалии натиҷаҳои бадастомадаро дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), хадамоти фитосанитарӣ ва карантини растаниҳои Кумитаи бехатарии озуқаворӣ, инчунин дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавсия додааст. Аз ҷумла, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо аз фанҳои энтомологияи умумӣ, энтомологияи кишоварзӣ ва ҷангал, зоология, экологияи популятсионӣ ва экологияи ҳайвонот, инчунин таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ истифода шаванд. Ин тавсияҳо аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро инъикос менамоянд.

Навгониҳои илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.

Навгонии илмии диссертатсияи унвонҷӯ Давлатзода О.М. дар он ифода меёбад, ки муаллиф бори аввал дар шароити Тоҷикистони Ҷанубӣ таркиби намудии ҳашарот ва канаҳои зараррасони анорро муайян намуда, хусусиятҳои биоэкологӣ, марҳилаҳои зараррасонӣ, хусусиятҳои ғизогирӣ ва паҳншавии намудҳои асосии зараррасони ин зироатро таҳқиқ ва муқаррар кардааст.

Унвонҷӯ фенология ва дараҷаи осебпазирии навъҳои анорро аз таъсири *Euzophora punicaella* Morr., инчунин хусусиятҳои фенологӣ ва зараррасонии *Aphis punicae* Pass.-ро омӯхтааст. Ҳамзамон, хусусиятҳои

зараррасонии намудҳои *Pseudococcus comstocki* Kuw., *Bemisia tabaci* Genn., *Polyphylla adspersa* Motsch., *Epicometis turanica* Pütt., *Capnodis tenebricosa* Ol., *Panonychus ulmi* Koch., *Tetranychus urticae* Koch. ва *Tenuipalpus punicae* Prit. et Bak. таҳқиқ карда шудаанд. Инчунин, муаллиф нақши *Bemisia tabaci* Genn.-ро ҳамчун паҳнкунандаи касалиҳои занбӯруғии анор муайян намудааст.

Унвончу бори аввал таркиби намудии энтомофагҳо ва акарифагҳоро аз рӯйи мансубияти систематикӣ омӯхта, муайян намудааст, ки дар боғҳои анор 24 намуди организмҳои фоидаовар, аз ҷумла энтомофагҳо ва акарифагҳо вомехӯранд. Муаллиф инчунин муайян кардааст, ки момохолакҳо, тилочашмакҳо, нимсахтболҳои дарранда ва дигар гурӯҳҳои ҳашароти фоидаовар дар коҳиш додани шумораи зараррасонҳои макандаи анор нақши назаррас доранд.

Натиҷаҳои бадастомада дорои аҳаммияти муҳими илмӣ буда, эътимоднокӣ ва саҳеҳии онҳо бо истифодаи усулҳои қабулшудаи таҳқиқот, гузаронидани мушоҳидаҳо ва таҷрибаҳо, инчунин таҳлили муқоисавии маълумоти бадастомада таъмин гардидааст.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия. Маводи таҳқиқотӣ ва натиҷаҳои илмии дар диссертатсия бадастомада барои рушди минбаъдаи фанҳои зоология, энтомологияи умумӣ, энтомологияи кишоварзӣ, усулҳои муборизаи биологӣ ва экологияи ҳайвонот, инчунин барои гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ аҳаммияти назаррас доранд. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), хадамоти фитосанитарӣ ва карантини растаниҳо, инчунин ҳангоми таҳия ва татбиқи усулҳои мубориза бар зидди зараррасонҳо мавриди истифодаи васеъ қарор гиранд.

Аҳаммияти иқтисодӣ ва иҷтимоии таҳқиқот дар ҳифзи анорбоғҳо, нигоҳдории захираҳои табиии анорзорҳо ва истифодаи самараноки усулҳои мубориза бар зидди зараррасонҳо ифода меёбад. Унвончӯ Давлатзода О.М. натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро вобаста ба мавзуи мавриди омӯзиш ҷамъбаст намуда, дар шакли тавсияҳои амалӣ барои татбиқ дар истеҳсолот пешниҳод кардааст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ ва асоснокии он.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот таваҳҳусути интихоби дурусти объект ва усулҳои таҳқиқот, ҳаҷми кофии маводи таҷрибавӣ ва мушоҳидавӣ, истифодаи усулҳои эътирофшудаи илмӣ, коркарди омории маълумот, риояи талаботи гузаронидани таҷрибаҳо, инчунин муқоисаи

натиҷаҳои бадастомада бо маълумоти таҳқиқоти олимону муҳаққиқони дигар таъмин гардидааст. Маълумоти бадастомада натиҷаи мушоҳидаҳо ва таҳқиқоти бисёрсолаи диссертант дар давраи солҳои 2014–2024 буда, заминаи воқеии хулосаҳои илмиро ташкил медиҳад. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва амалӣ, ки дар асоси маълумоти ҷамъоваришуда зимни корҳои саҳроӣ, мушоҳидаҳо ва таҷрибаҳо ба даст омадаанд, бо истифода аз усулҳои таҳлилӣ, оморӣ, мушоҳидавӣ, таҷрибавӣ ва энтомологӣ мавриди коркард ва арзёбӣ қарор гирифтаанд. Дар асоси онҳо таҳлилҳо гузаронида шуда, хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ асоснок гардидаанд, ки ин эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро тасдиқ менамояд.

Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқ. Рисолаи илмӣ натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи бисёрсолаи муаллиф буда, корҳои илмӣ ва амалии дар диссертатсия инъикосёфта аз ҷониби унвонҷӯ мустақилона ва таҳти роҳбарии роҳбари илмӣ анҷом дода шудаанд. Муаллиф дар таҳияи нақшаи кори илмӣ, ҷустуҷӯ, ҷамъоварӣ ва таҳлили адабиёти илмӣ, интихоби иқтибосҳо, истифодаи усулҳои таҳқиқот, ҷамъоварии маводи таҷрибавӣ, коркард ва таҳлили натиҷаҳо, муқоиса, хулосабарорӣ, таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳо, инчунин навиштани матни диссертатсия саҳми бевосита гузоштааст.

Нашри натиҷаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва мутобиқати он. Натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷониби унвонҷӯ Давлатзода О.М. дар як қатор конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод ва нашр гардидаанд. Аз ин ҷост, ки вобаста ба мавзуи таҳқиқот аз ҷониби муаллиф 30 мақола ва фишурдаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Нашри мақолаҳои илмӣ дар чунин маҷаллаҳои илмӣ ифодагари сатҳи баланди аҳаммияти илмӣ доштани таҳқиқоти анҷомдодаи диссертант мебошад. Мақолаҳои илмии ба табъ расида ба мавзуи илмӣ мутобиқат мекунанд.

Арзёбии мазмуни диссертатсия ва мукаммалии он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Дар диссертатсия ба таври мукаммал натиҷаҳои корҳои таҳқиқотӣ оварда шудаанд, ки онҳо ҳамчун натиҷаи коркарди илмӣ илман асоснок карда шуда, дар таҷриба татбиқ ва барои истифодаи амалӣ тавсия дода шудаанд, ки барои ҳалли вазифаҳои муҳими зоологӣ аҳаммияти назаррас доранд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар нашри мақолаҳо ва баромадҳо дар коференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд. Диссертатсия дар ҳаҷми 184 саҳифаи матни компютерӣ таҳия шуда, аз муқаддима, 6 боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима иборат аст. Дар рисола 27 расм ва 14 ҷадвал пешниҳод гардидааст.

Рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 160 номгӯй, аз ҷумла 16 асари муаллифони хориҷӣ иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзиш, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзу предмет)-и таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия (гузориши нуктаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳо, маҷлисҳо, семинарҳо, ҳангоми хондани маърӯзаҳо дар муассисаҳои таълимӣ), интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми он асоснок карда шудаанд.

Дар боби якуми рисола таҳлили адабиёт оид ба хусусиятҳои биоэкологии анор, паҳншавӣ, навъҳо ва аҳаммияти хоҷагии анор маълумот оварда шудааст. Дар ин боб унвонҷӯ ба таври мухтасар маълумоти умумӣ дар бораи навъҳои аноре, ки бештар дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ парвариш карда мешаванд маълумоти умумӣ пешниҳод намудааст. Боби якуми диссертатсия дорои ду зербоб мебошад.

Боби дуюми рисола ба тавсифи мухтасари шароити табиию географии қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ (водии Вахш) бахшида шудааст. Муаллиф дар бораи ҷойгиршавии минтақа, релеф, шароити иқлим, хок, ҳавзаҳои обӣ ва гуногунамудии олами наботот дар асоси омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои илмӣ маълумот пешниҳод кардааст. Боби мазкур аз панҷ зербоб иборат мебошад.

Дар боби сеюми рисола мавод ва усулҳои таҳқиқот оварда шудааст. Аз ҷониби диссертант макони гузаронидани таҳқиқоти доимӣ (статсионарӣ) ва муваққатӣ дар шакли харита бо аломатгузорӣ ва ишораҳои шартӣ нишон дода шудааст. Нуқтаҳои таҳқиқоти доимӣ (статсионарӣ)-и рисолаи илмӣ хоҷагиҳои деҳқонии «Боғпарварӣ»-и ба номи А. Ҷомӣ, «Баҳор» – 1, «Баҳор» – 2 ва «Ҳамадонӣ»-и н. Дӯстӣ ба ҳисоб мераванд. Ҳангоми ҷамъоварӣ ва коркарди маводи илмӣ унвонҷӯ дастурҳои тавсиявии Б.А. Доспехов, В.И. Митрофанов, З.И. Стрункова, И.З. Лившитс, И.Я. Поляков, М.П. Персов, В.А. Смирнов, К.К. Фасулати ва В.А. Кащеев, М.К. Чилдебаев ва А.М. Псаревро истифода намудааст.

Дар боби чоруми диссертатсия оид ба таркиби намудӣ ва хусусиятҳои биоэкологии зараррасонҳои анор дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ (водии Вахш) маълумоти нав оварда шудааст. Муаллиф муайян кардааст, ки зараррасонҳои анор аз рӯйи мавқеи таснифӣ ба 2 синф (ҳашарот ва

тортанакшаклон) 6 қатор, 17 оила, 28 авлод ва 38 намуд мансуб мебошанд. Ҳамзамон, дар боби мазкур доир ба хусусиятҳои биоэкологӣ, тарзи ғизогирӣ, паҳншавӣ ва зараррасонии 7 намуди ҳашарот ва 3 намуди канаҳо маълумот оварда шудааст. Унвончӯ аз рӯйи махсусияти ғизогирӣ зараррасонҳо онҳоро ба 3 гурӯҳ тасниф кардааст:

Гурӯҳи якум, монофагҳо – ба ин гурӯҳ намудҳое дохил мешаванд, ки танҳо як намуди растаниро ҳамчун манбаи ғизо истифода мебаранд. Аз ҷумла, 1 намуди ҳашарот аз оилаи Aphididae (ширинчаи анор – *Aphis punicae.* Pass.), 1 намуд аз оилаи Nolidae (шапалаки анор – *Arcyophora dentula* Ld.), аз канаҳо бошад 1 намуд аз оилаи Tenuipalpidae (канаи анор - *Tenuipalpus punicae* Prit. Et. Bak.) дохил мешаванд, ки 7.9% аз миқдори умумии зараррсонҳоро ташкил медиҳанд.

Гурӯҳи дуюм, олигофагҳо – зараррасонҳое мебошанд, ки асосан ба растаниҳои мансуби як оила осеб мерасонанд. Ба ин гурӯҳ танҳо канаи бури мева (*Bryobia reidcorzevi* Reck.) аз оилаи Bryobiidae дохил мешавад, ки 2.6 %-ро ташкил медиҳад.

Гурӯҳи сеюм, полифагҳо – он намудҳоеро дар бар мегирад, ки ба намояндагони оилаҳои гуногуни растаниҳо зарар мерасонанд. Ба ин гурӯҳ шумораи зиёди зараррасонҳо ворид мешаванд: аз оилаи Aleyrodidae 3 намуд - сафедболаки тамоку ё пахта (*Bemisia tabaci* Genn.), сафедболаки гармхонагӣ ё оранжерӣ (*Trialeurodes vaporariorum* West.), сафедболаки ситрусӣ (*Dialeurodes citri* Ashm.), аз оилаи Pseudococcidae 2 намуд - кирмаки Комсток (*Pseudococcus comstocki* Kuw.), кирмаки ордаки ангур (*Planococcus ficus* Sign.), аз оилаи Thripidae 1 намуд - трипси тамоку (*Thrips tabaci* Lind.), аз оилаи Acrididae 5 намуд - малахи осиёи миёнагӣ (*Locusta migratoria* L.), малахи марокашӣ (*Dociostaurus maroccanus* Thunb.), пруси итолиёвӣ (*Calliptamus italicus* L.), пруси лалмӣ (*C. turanicus* Tarb.), акридаи биёбонӣ (*Acrida oxycephala* Pall.) ва ғайра, ки 89.4%-ро ташкил медиҳанд.

Дар натиҷаи мушоҳидаҳо, таҳлил ва маълумоти бадастомада унвончӯ муқаррар намудааст, ки аз ҳама бештар дар байни зараррасонҳо намудҳои полифаг зиёд (34 намуд) мебошанд ва вобаста ба хусусияти зараррасонӣ бошад онҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудааст:

1.Зараррасонҳои баргу муғҷа 25 намуд (66%);
2. Зараррасонҳои гул 1 намуд (3%);
3. Зараррасонҳои мева 2 намуд (5%);
4. Зараррасонҳои поя ва навда: 2 намуд (5%);
5. Зараррасонҳои реша: 3 намуд (8%);
6. Зараррасонҳои барг, гул, муғҷа ва мева: 5 намуд (13%).

Муайян намудани тарзи зараррасонии зараррасонҳо ба қисмҳои мухталифи анор аҳаммияти калони назариявӣ ва амалӣ дорад. Ин боб

натиҷаҳои таҳқиқот доир ба зараррасонҳо буда, аз чордаҳ зербоб иборат аст. Натиҷаҳои ин боб дар шакли мақолаю фишурдаҳо дар конференсияҳои гуногун ва маҷаллаҳои илмии тақризшаванда интишор ва ифода ёфтаанд.

Боби панҷуми рисола ба таҳия, коркард ва истифодаи усулҳои мубориза бар зидди зараррасонҳои анор бахшида шудааст. Аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада диссертант маълум кардааст, ки дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ (водии Вахш) 24 намуди энтомоакарифагҳо дучор мешаванд, ки онҳо ба 6 қатор, 9 оила ва 18 авлод мансубанд. Самаранокии услҳои мубориза бар зидди зараррасонҳо аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардидаанд. Муаллиф дар натиҷаи таҳлил муайян кардааст, ки бо гуногунии намудҳо оилаҳои Coccinellidae 5 намуд (20.8%) ва Miridae 4 намуд (16.9 %) бартарӣ доранд. Оилаи Lygaeidae 3 намуд (12.5%) ва оилаҳои Chrysopidae; Aeolothripidae; Anthocoridae; Nabidae; Syrphidae Mantidae мутаносибан 2 намудӣ (8.3%)-ро ташкил медиҳанд. Унвончӯ дар натиҷаи таҳқиқот мушоҳида намудааст, ки дар давоми як шабонарӯз дар шароити лабораторӣ як кирминаи тилочашмаки муқаррарӣ – *Chrysopa carnea* аз 110 то 160, кирминаҳои коксинеллидҳо (Coccinellidae) бошанд дар давоми як шабонарӯз аз 80 то 95 ва як кирминаи парагуси мисрӣ-*Paragus aegyptius* дар давоми шабонарӯз аз 130 то 150 – фарди ширинчаи анорро метавонанд нест кунанд, ки ин аҳаммияти амалӣ доштани корро ифода мекунад. Ин боб аз ҳафт зербоб иборат мебошад.

Боби шашуми диссертатсия баррасии натиҷаҳои таҳқиқот ном дошта, дар он муаллиф доир ба ҳар як боби диссертатсия маълумоти мухтасар пешниҳод намудааст. Муаллиф натиҷаҳои бадастомадро бо натиҷаҳои олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ қиёс намуда, мавқеи илмии бадастомадро ба таври мукаммал муайян кардааст.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсияи муаллиф дар мавзуи «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо» аз рӯйи муҳимӣ, мақсад, вазифа, сохтор, ҳаҷми таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳо дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.21.Зоология ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва мутобиқ мебошад.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ. Тахассуси илмии довталаб Давлатзода Одинашо Муҳаббат ба ихтисоси илмии

дархостшаванда 1.5.21.Зоология мувофиқат мекунад. Таҳқиқоти рисолаи илмӣ барои он қобили дастгирӣ мебошад, ки муаллиф дар рафти тақиқот мақсад ва вазифаҳои дар назди худ гузоштаро ба таври мукаммал иҷро намудааст.

Эродҳо ва пешниҳодҳо доир ба диссертатсия. Бо вуҷуди дастовардҳои зиёде, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсияи Давлатзода Одинашо Муҳаббат дар мавзуи «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо» чунин камбудиҳо ҷой доранд:

1. Дар саҳифаи 9 автореферат ва боби якуми диссертатсия дар саҳифаи 13 қайд шудааст: Аҳаммияти хоҷагии анор (*Punica granatum* L.) беҳтар аст, ки анор (*Punica granatum* L.) ва аҳаммияти он дар соҳаи кишоварзӣ қайд карда шавад.

2. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе аз хатогиҳои имлоӣ мушоҳида карда мешаванд, ки онҳо ислоҳшаванда мебошанд ва ба сифати матни диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

3. Дар саҳифаи 6 автореферат ва саҳифаи 8 матни диссертатсия истилоҳи ҳашаротҳои зараррасон дарҷ гардидааст. Хуб мешуд, ки истилоҳи ҳашаротҳои зараррасон ба ҳашароти зараррасон иваз карда шавад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, аҳаммияти илмию амалӣ ва дар маҷмӯъ қиммати кори илмӣ-таҳқиқотии диссертатсияи унвонҷӯ Давлатзода Одинашо Муҳаббатро коста намегардонанд ва онҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, барои беҳтар гардидани сифати диссертатсия равона гардидаанд.

Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия. Хулоса, диссертатсияи Давлатзода Одинашо Муҳаббат дар мавзуи «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ, аз рӯйи ихтисоси 1.5.21.Зоология пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ, аз рӯйи ихтисоси 1.5.21.Зоология сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 69,79 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби ходими калони илмии Институти зоология ва паразитологияи ба номи Е.Н. Павловскийи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.04 – Зоология Хайров Хурамҷон Сайдамирович омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи Шурои илмии Институти зоология ва паразитологияи АМИТ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи № 6 аз 30 октябри соли 2026).

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 13 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 13 нафар, зид нест, бетараф нест.

Раиси ҷаласа:
директори Институти зоология ва
паразитологияи ба номи Е.Н. Павловскийи
АМИТ, номзади илмҳои биологӣ Қадамзода Д.С.

Эксперт:
ходими калони илмии Институти зоология ва
паразитологияи ба номи Е.Н. Павловскийи АМИТ,
номзади илмҳои биологӣ Хайров Х.С.

Котиби ҷаласа:
номзади илмҳои биологӣ Хушвахтова Ш.Д.

Имзоҳои Қадамзода Д.С., Хайров Х.С. ва
Хушвахтова Ш.Д.-ро тасдиқ мекунам:
Нозири калони кадрҳои Институти
зоология ва паразитологияи ба
номи Е.Н. Павловскийи АМИТ Якубова Н.М.

ДУРУСТ:
САРИНСПЕКТОРИ ШУЪБАИ
КАДРҲОИ ИЗ ва П АМИТ.
"30" 10 с. 2026
имзо

Суроғаи муассисаи пешбар: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе
Индекси почта:734025, ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, маҳаллаи Ҳалқачар, телефон: (99247) 445-30-31, (+992) 989 11 68 42.
Суроғаи почтаи электронӣ: E-mail: izip41@mail.ru, kadamov.d@mail.ru
Сомонаи расмӣ дар шабакаи интернет: https://www.izip.tj
"30" 10 соли 2026